«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»:

Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Насриддинзода Э.С.

________________

«20» ____10____ соли 2025

**ХУЛОСАИ**
**ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН**

Диссертатсияи «Ташаккули меъёрҳои этикиву ҳуқуқӣ дар журналистикаи тоҷик (замони Истиқлол)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.22. Рӯзноманигорӣ дар кафедраи телевизион ва радиошунавонии факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба анҷом расидааст.

**Раҳимҷон Хушдил** соли 2011 факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси журналист бо дипломи аъло хатм карда, аз соли 2013 то соли 2016 ба ҳайси аспиранти кафедраи журналистикаи байналхалқии факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба таҳқиқ машғул гардида, соли 2017 дар мавзуи «Меъёрҳои ахлоқӣ ҳамчун механизми худтанзимнамоӣ дар ҷомеаи журналистии Тоҷикистон» рисолаи номзадии худро ҳимоя кардааст. Муаллифи 2 монография ва 37 мақолаи илмӣ мебошад.

Раҳимҷон Хушдил бо мақсади анҷом додани диссертатсияи докторӣ соли 2022 дар шуъбаи омоданамоии мутахассисони илмӣ ва илмию омӯзгории донишгоҳ ба сифати докторанти анъанавии кафедраи телевизион ва радиошунавонии факултети журналистика қабул гардид.

Мушовири илмии Раҳимҷон Хушдил доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи телевизион ва радиошунавонии факултети

журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Саъдуллоев Ҷамшед Муллокомилович мебошад.

Мавзуи диссертатсияи мазкур дар шурои олимони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 30 сентябри соли 2022, қарори № 02 тасдиқ шудааст.

**Аз баррасии диссертатсия чунин натиҷагирӣ карда шуд:**

Диссертатсия ба омӯзиш, таҳқиқ ва таҳлили меъёрҳои этикиву ҳуқуқӣ дар журналистика бахшида шудааст. Боиси зикр аст, ки масъалаи муносибат бо меъёрҳои ахлоқи касбӣ дар журналистикаи муосир яке аз мавзуъҳои ниҳоят мубрам аст, чунки ин мавзуъ дар шароити муосир ифодагари ҷанбаи муҳимми фаъолияти касбӣ ба шумор меравад. Тавре аз мушоҳидаҳо бармеояд, ҳангоми баррасии мавзуи мазкур аслан ба стандартҳои байналмилалии этикаи журналистӣ такя мешавад, яъне ин мавзуъ аз ҷумлаи мавзуъҳоест, ки дар сатҳи байналмилалӣ мавқеъ дорад ва ҳамеша мавриди назар мебошад. Дуруст зикр мешавад, ки дар ҳама санадҳои ба этикаи касбии журналист алоқаманд риояи меъёрҳои ахлоқи касбӣ василаи аслии комёбии идораҳои воситаҳои ахбори омма аст. Ин нукта ҳам муҳим аст, ки ҳама санадҳое, ки хислати худтанзимкунанда доранд, дар асоси омӯзиши таҷрибаи чандинсолаи матбуот ва дигар воситаҳои ахбори омма ба амал омада, бо мақсади ҳимояи шаъну шарафи журналистон ва эътибори касбии онҳо, ҳифзи моҳияти рисолати касбӣ тартиб ёфта, барои ҳамовозӣ ва эътирофу риоя пешниҳод мегарданд.

Дар шароити имрӯзаи фаъолияти воситаҳои ахбор риояи меъёрҳои ахлоқи касбӣ чун зарурати ногузир арзи вуҷуд мекунад, чунки рақобат миёни расонаҳо – кӯшишҳои пешқадамӣ дар пешниҳоди матолиб ва кӯшиши ҷалби ҳар чӣ бештари аудитория имрӯз маҳз тавассути риояи меъёрҳои ахлоқӣ метавонад имконпазир бошад, барои он ки дар ин маврид сухан дар бораи эътимод аст ва эътимод ба меъёрҳои ахлоқии касбӣ робитаи ногусастанӣ дорад. Яъне, муносибати боэҳтиромона, бегаразона пешниҳод намудани матлаб, ба ҳангома ва иттилои носаҳеҳ дода нашудан аз омилҳои муҳимтарини соҳиб гардидан ба эътимод маҳсуб мешаванд, ки расонаҳои бонуфузи байналмилалӣ ҳам бо риояи ин меъёрҳо дар фазои иттилоотии аксар кишварҳо

амал карда, дар ташаккул ва идораи афкори омма таъсири амиқ мегузоранд. Бо назардошти ин, метавон гуфт, ки омӯзиши ин мавзуъ ва паҳлуи дигари барои фаъолияти журналистӣ хеле муҳим – меъёрҳои ҳуқуқӣ аз лиҳози илмӣ аҳамиятнок буда, мушаххас нишон додани моҳияту аҳамият ва зарурати меъёрҳои мазкур барои илми журналистикаи тоҷик муфиданд.

Баррасиҳои муаллифи диссертатсия ҳам нишон додаанд, ки паҳлуҳои гуногуни мавзуи мазкур ҷанбаҳои муҳими фаъолияти журналистиро бозгӯ мекунанд.

**Мавзуи диссертатсия** ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқие, ки дар шиносномаи ихтисоси илмии 6.2.22. Рӯзноманигорӣ нишон дода шудаанд, комилан мувофиқат мекунад. Муҳтавои диссертатсия ва натиҷаҳои он ба мавзуи таҳқиқӣ иртибот доранд.

**Мавзуи диссертатсия** ба «Самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми сентябри соли 2020, №503 тасдиқ шудааст, мутобиқат дорад. Илова бар ин, маводди диссертатсия бо барнома ва мавзуъҳои ба таҳқиқоти илмӣ алоқаманд пайванди бунёдӣ дошта, натиҷаҳо ва хулосаҳои ба дастомада дар таҳия ва такмили воситаву барномаҳои таълимӣ нақши муҳим бозида метавонанд.

Дар замони муосир яке аз масъалаҳои меҳварии журналистикаи муосир муносибати ҷиддӣ бо меъёрҳои ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ ба шумор меравад, зеро шароити замон худ чунин ҷиддиятро талаб мекунад. Диссертант назди худ мақсад гузоштааст, ки ба асосҳои илмӣ-назариявии пайдоиш ва ташаккули меъёрҳои этикиву ҳуқуқӣ дар журналистика дар маҷмуъ ва баъдан журналистикаи тоҷик таваҷҷуҳи хос зоҳир намуда, нақши санадҳои марбут ба этикаи касбии журналист дар риояи меъёрҳои ахлоқи касбиро муайян намояд, баҳсҳоро доир ба татбиқи меъёрҳои ахлоқӣ ва натиҷагирӣ аз онҳо бо мақсади мушаххас сохтани он ки то куҷо воситаҳои ахбори оммаи муосир ба чунин санадҳои худтанзимкунанда ниёз доранд, баррасӣ карда, ба мақоми асноди

ҳуқуқӣ дар шароити муосир, ки кафолати конститутсионии озодии суханро доранд, таваччуҳи хосса зоҳир намояд.

Бо назардошти моҳият ва ҷанбаҳои назариву амалии масъалаҳои мавриди таҳқиқ, барои расидан ба ин ҳадафҳо муаллифи диссертатсия дар назди худ **чунин вазифаҳо гузоштааст:**

а) ҷанбаҳои илмӣ-назариявии шинохти меъёрҳои этикиву ҳуқуқӣ дар журналистикаро баррасӣ намудан;

б) сабабу омилҳои пайдоиш ва ташаккули меъёрҳои этикӣ дар фаъолияти журналистиро таҳқиқ кардан;

в) муайян намудани заминаҳои пайдоиши меъёрҳои ҳуқуқӣ;

г) зарурати меъёрҳои ахлоқиро дар фаъолияти журналистӣ баррасӣ намудан;

ғ) зарурати қабули ҳуҷҷатҳои вобаста ба этикаи касбии журналистро, ки хислати байналмилалӣ, минтақавӣ доранд ва ё хоси кишвар ё расонаи алоҳида мебошанд, таҳқиқ намудан;

д) баррасии кӯшишҳо барои қабули санади худтанзимкунии фаъолияти ВАО, муайян кардани зарурати чунин чораҷӯиҳо;

е) тасниф ва тафсили санадҳои байналмилалӣ ва тавзеҳи онҳо;

ё) муайян сохтани дараҷаи мувофиқат ва сатҳи журналистикаи тоҷик дар самти арҷгузорӣ ба арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ;

ж) муайян намудани нақши зуҳуроти нави худтанзимкунӣ ва санади он дар риояи меъёрҳои ахлоқи касбӣ;

з) баррасии вазъи муносибат бо меъёрҳои ахлоқи касбӣ ва меъёрҳои ҳуқуқии соҳавӣ;

и) падидаҳои нави марбут ба масъалаҳои ахлоқӣ ва ҳуқуқиро дар фаъолияти воситаҳои ахбори омма таҳқиқ намудан.

Муаллифи диссертатсия ба сифати **сарчашмаҳои асосии таҳқиқ** аз ҳуҷҷатҳои вобаста ба этикаи касбии журналист, ки хислати байналмилалӣ, минтақавӣ доранд, инчунин, асноди миллӣ, аз ҷумла санади созмони ҷамъиятии Шурои ВАО-и Тоҷикистон, маводи матбуоти муосири мамлакат ва

сомонаҳои интернетӣ вобаста ба масъалаҳои этикаи касбии журналист, баҳсҳои матбуотӣ ва сатҳи риояи меъёрҳои ахлоқи касбӣ, асноди ҳуқуқии соҳавӣ ва андешаҳо доир ба онҳо дар нашрияҳо истифода кардааст.

**Асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқро** асарҳои илмию назариявии олимони соҳаи журналистика, ки ба асосҳои назариявӣ бахшида шуда, доир ба ҷанбаҳои умумии мавзуи диссертатсия ишораҳо доранд, инчунин, асарҳое, ки махсус ба ҳамин мавзуъҳо дахл доранд, ташкил додаанд. Ҳангоми баррасии масъалаҳои муҳиму умуминазарии мавзуи диссертатсия асарҳои олимону муҳаққиқони тоҷик Б. Камолиддинов, А.Саъдуллоев, А. Нуралиев, И.Усмонов, М. Имомзода, М.Муродӣ, Ҷ.Саъдуллоев, М. Абдуллозода, М.Муқимов, А. Азимов, Ш. Муллоев, З. Муъминҷонов, М. Ҷӯраева, Т. Ҳасанова, Б. Ҳошимзода (А.Қутбиддинов), А. Афсаҳзод, Қ.Мухторӣ, С. Гулов, К. Шарифзода, муҳаққиқони рус Е.П. Прохоров, С.Г. Корконосенко, В. В. Ворошилов, Г. В. Лазутина, Д. С. Авраамов ва дигарон истифода гардида, дар заминаи афкору андешаҳои эшон мазмуну мундариҷаи рисолаи илмӣ танзим ва ба баъзе масъалаҳои назариявии таҳқиқоти илмӣ равшанӣ андохта шудааст.

Таҳқиқи илмӣ аз рӯйи методи диалектикӣ ҳамчун усули умумии илмии дарки ҳодисаҳо, равандҳо, муносибатҳо сурат гирифтааст. Инчунин, аз методи муқоисавию таърихӣ ва равиши низомнок ё систематикӣ, ки якчанд ҷанбаъҳо: функсионалӣ, сохторӣ, миқдорӣ ва мазмуниро дар бар мегирад, истифода шудааст.

**Навгонии илмии таҳқиқ** дар он аст, ки мавзуи мазкур аз мавзуъҳоест, ки ба таври мукаммал ва муфассал дар илми журналистикаи тоҷик таҳқиқ нашуда, ҳамчун объекти таҳқиқот нав аст. Муҳаққиқони дигар ҳангоми баррасиҳои худ комплекси мавзуъро ба вуҷуд овардаанд, вале нишони мукаммал будани он нестанд. Тадқиқоте, ки дар ин самт сурат гирифтаанд (аз ҷумла, диссертатсияи номзадии муаллиф) асосан ба меъёрҳои ахлоқии фаъолияти журналистӣ рабт доранд, вале омӯзиши алоқамандии меъёрҳои ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ дар журналистика, таҳқиқи падидаҳои навзуҳур дар журналистика нишони навгонии таҳқиқ мебошанд.

Диссертатсияи Раҳимҷон Хушдил аз чанд ҷиҳат аҳаммияти хосса дошта, **арзиши назарӣ ва амалиаш** дар он зоҳир меёбад, ки этикаи касбӣ меъёри муҳимми муайян кардани сатҳи аҳамиятнокӣ ва мақоми иҷтимоии касбу соҳибкасбон - мутахассисон мебошад. Меъёрҳои ахлоқӣ дар фаъолияти рӯзноманигор омили муайянкунандаи хусусияти касби ӯ буда, риояи ин меъёрҳо дар воситаҳои ахбори омма аз дастовардҳо ва камбудиҳои рӯзноманигор дар фаъолияти касбии ӯ шаҳодат медиҳад. ВАО-е, ки меъёрҳои ахлоқи миллӣ ва касбӣ, арзишҳои суннатии ҷомеаро нодида мегиранд, муваффақ шуда наметавонанд. Ташаккули меъёрҳои ҳуқуқӣ низ дар журналистика масъалаи муҳим аст, зеро сатҳи муносибати ҷомеаи журналистиро бо онҳо нишон медиҳад.

Таҳқиқи мазкур комплекси мавзуъро ба вуҷуд овардааст. Дастовардҳои таҳқиқро ҳангоми баррасии проблемаҳои этикию ҳуқуқӣ ва барои ба даст овардани маълумоти иловагӣ доир ба шинохти меъёрҳои мазкур истифода бурдан мумкин аст. Аҳамияти амалии таҳқиқ дар он аст, ки натиҷаҳои онро ҳангоми таълими фанҳои тахассусӣ ва ҳангоми навиштани китобҳои дарсӣ, дастуру васоити таълимӣ доир ба этикаи касбии журналист, асосҳои ҳуқуқии журналистика истифода бурдан мумкин аст. Қисматҳои алоҳидаи кори илмӣ метавонад ҳамчун маводи боэътимод ҳангоми хондани курсу семинарҳои махсус доир ба проблемаҳои этикӣ дар факултету шуъбаҳои журналистикаи муассисаҳои таҳсилоти олӣ мавриди истифода қарор гирад.

Доир ба мавзуи диссертатсия 2 монография, 25 мақола, аз ҷумла 14 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 1 мақола дар яке аз маҷаллаҳои илмии Иёлоти Муттаҳидаи Амрико (Импакт), 8 мақола дар маҷмуа ва нашрияҳои дигари илмӣ, аз ҷумла, 2 мақола дар хориҷи кишвар ба нашр расидааст, ки ба мавзуи таҳқиқ иртиботи бевосита дошта, мухтавои асосии диссертатсия ва автoрефератро инъикос менамоянд:

## НАШРИ ТАЪЛИФОТИ ИЛМӢ ДАР МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ

### I. Монография:

[1-М] Рахимджонов, Х.У. Этические нормы: теория и практика применения в таджикской журналистике (монография) [Матн] / Х.У. Раҳимҷонов. – Душанбе: Ирфон, 2017. – 176 с.

[2-М] Раҳимҷонов, Х.У. Меъёрҳои этикаи касбӣ дар журналистикаи тоҷик (монография) [Матн] / Х.У. Раҳимҷонов. – Душанбе: Ирфон, 2018. – 184 с.

### II. Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:

[3-М] Раҳимҷонов, Х.У. Ташаккули меъёрҳои этикаи касбии журналистон дар пасманзари Ваҳдати миллӣ [Матн] / Х.У. Раҳимҷонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2017. – №4/6. – С. 309-312.

[4-М] Раҳимҷонов, Х.У. Риоя нагардидани меъёрҳои ахлоқӣ – омили коста гардидани эътимод [Матн] / Х.У. Раҳимҷонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2018. – №6. – С. 308-311.

[5-М] Раҳимҷонов, Х.У Влияние глобализации на этические ценности [Матн] / Х.Раҳимҷонов // Номаи Донишгоҳ. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносӣ. – Хуҷанд, 2018. – №4 (57). – С. 140-142

[6-М] Раҳимҷонов, Х.У. Сомонаҳо ва хассосиятҳои ахлоқи миллӣ [Матн] / Х.У. Раҳимҷонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2020. – №1. – С. 285-290.

[7-М] Раҳимҷонов, Х.У. Ташаккули меъёрҳои ҳуқуқӣ дар журналистикаи тоҷик [Матн] / Х.У. Раҳимҷонов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2020. – №1(84). – С.136-139.

[8-М] Раҳимҷонов, Х.У. Нигоҳе ба вазъи риояи меъёрҳои этикаи касбӣ дар ВАО-и электронӣ [Матн] / Х.У. Раҳимҷонов // Номаи донишгоҳ.

Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносӣ. – Хуҷанд. – 2020. – №1(62). – С. 137-140

[9-М] Раҳимҷон, Х. Ҷанбаҳои ахлокии имиҷсозиҳо дар воситаҳои ахбори омма [Матн] / Х. Раҳимҷон // Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ. Бахши илмҳои таърих ва бостоншиносӣ, педагогика ва филология. – Душанбе, 2023. № 3(32). – С. 12-20.

[10-М] Раҳимҷон, Х. Этика ва конун: марз, шинохт ва таҳлил [Матн] / Х.Раҳимҷон // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2023. – №7. – С.278-285.

[11-М] Раҳимҷон, Х. Накди расонаӣ ва одоби баҳсҳои касбӣ [Матн] / Х. Раҳимҷон // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2023. – №8. – С. 250-256

[12-М] Раҳимҷон, Х. Нигоҳе ба нозукиҳои касбӣ ва ахлокии нишастҳои матбуотӣ [Матн] / Х. Раҳимҷон // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2024. – №1. – С. 246-254.

[13-М] Раҳимҷон, Х. Деонтологияи журналистика: моҳият, пайдоиш ва ташаккул [Матн] / Х. Раҳимҷон // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2024. – №2. – С. 263-269.

[14-М] Раҳимҷон, Х. Нашрияҳои соҳавӣ: вазъият ва дурнамо (дидгоҳи маҷмуии ахлокӣ ва ҳукукӣ) [Матн] / Х. Раҳимҷон // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2024. – №10. – С.376-383.

[15-М] Раҳимҷон, Х. Масъулияти ахлокии журналист ва муборизаҳои иттилоотӣ [Матн] / Х. Раҳимҷон // Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ. Бахши илмҳои таърих ва бостоншиносӣ, педагогика ва филология. – Кӯлоб, 2024. – №4-2(37). – С. 238-243.

[16-М] Гулов, С., Раҳимҷон, Х. Меъёрҳои этикиву ҳукукии журналистика дар шароити ҷомеаи иттилоотӣ [Матн] / С. Гулов, Х. Раҳимҷон // Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ. Бахши илмҳои таърих ва бостоншиносӣ, педагогика ва филология. – Кӯлоб, 2025. – №3-1 (40). С. 198-203.

**III. Мақолаҳои муаллиф дар маҷмуаҳо ва нашрияҳои дигари илмӣ:**

[17-М] Раҳимҷон, Х. Баъзе мулоҳизаҳо дар бораи риояи меъёрҳои этикаи касбӣ [Матн] / Х. Раҳимҷон // Асрори сухан (маҷмуаи мақолаҳо). – Хуҷанд, 2017. – С.187-191.

[18-М] Рахимчонов, Х.У. Несоблюдение этических норм – один из профессиональных проблем современной СМИ [Матн] / Х. Рахимчонов // ГЛОБУС (материалы Международная научно-практическая конференция «Достижения и проблемы современной науки»). – Санкт-Петербург, 2018. – С. 36-40.

[19-М] Rahimjonov Kh.U. The professional moral norms during the globalization of values [Матн] / Kh. Rahimjonov // «European multi science journal», Budaors (Будапешт, Венгрия). – 2018. – №14. – С.23-25.

[20-М] Раҳимҷон, Х. Мулоҳизаҳо перомуни баъзе масъалаҳои ахлоқии ВАО-и муосир [Матн] / Х. Раҳимҷон // Дар моварои сухан (маҷмуаи мақолаҳои илмӣ). – Душанбе, 2018. – С. 106-111.

[21-М] Раҳимҷонов, Х.У. Шикасти арзишҳо ва расонаҳо [Матн] / Х.У. Раҳимҷонов // Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. – Душанбе, 2019. – №4 (67). – С. 362-373.

[22-М] Раҳимҷон, Х. Вусъати эҳтиром ва ташаккули риояи меъёрҳои забони давлатӣ дар воситаҳои ахбори омма [Матн] / Х. Раҳимҷон // Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. – Душанбе. – 2022. – №4(80). – С. 206-214.

[23-М] Раҳимҷон, Х. Дар шинохти деонтологияи журналистика [Матн] / Х. Раҳимҷон // Медиакоммуникатсияи маҷозӣ ва реклама: технологияҳои нав ва методологияи таҳқиқ / Маводди конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ. – Хуҷанд, 2023. – С.167-171.

[24-М] Раҳимҷон, Х. Набардҳои иттилоотӣ ва масъулияти журналистӣ [Матн] / Х. Раҳимҷон // Материалы Международной научно-практической конференции «Стратегии и тренды развития журналистики, филологии и лингводидактики» (Часть 2). – Душанбе, 2024. – С. 164-168.

[25-М] Раҳимҷон, Х. Ҷомеаи журналистӣ ва меъёрҳои ҳуқуқии соҳавӣ [Матн] / Х. Раҳимҷон // Маводди конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ

дар мавзуи «Нақши ВАО дар шароити ҷаҳонишавӣ ва бархӯрди фарҳангу тамаддунҳо». – Бохтар, 2025. – С.479-483.

[26-М] Раҳимҷон, Х. Таносуби меъёрҳои ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ дар воситаҳои ахбори омма [Матн]/ Х. Раҳимҷон // Маводди конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Таъсири интернет ва расонаҳои рақамӣ дар мусоидат ба таърихи васоити ахбори омма ва омӯзиш дар замони муосир». – Кӯлоб, 2025. – С. 152-155.

[27-М] Rahimjon, Kh., Olimiyon, S. The importance of national in the era of civilizational clashes [Text] / Kh. Rahimjon, S. Olimiyon, // American Journal of Education and Learninig. – New-York, 2025. – Volume 3. – P. 887-892.

**Саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқоти диссертатсиониро** дараҷаи дарки масъалаҳои дар диссертатсия баррасишуда, натиҷаҳо ва хулосаҳои асосии кор, муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшуда ва мустақил ифода шудани нуқтаи назари муаллиф нисбат ба мавзуи таҳқиқ собит менамоянд.

Хулосаҳои пешниҳодшуда донишҳои назариявиро дар дарку фаҳмиши усулҳои нави журналистикаи муосир ва фаъолияти расонаҳо афзуда, метавонад самтҳои нави таҳқиқро дар шинохти ин соҳа ба вуҷуд оварад. Уфуқҳои таҳқиқ дар фаъолияти расонаҳо мушаххасан робитаи илми журналистикаро ба дигар илмҳои ҷомеашиносӣ муайян менамояд. Таҳқиқи мазкур муносибат ва мавқеи муҳаққиқро ба масъалаҳои фарогири журналистикаи муосир нишон дода, дар маҷмуъ, зарурати таҳқиқи ду паҳлуи муҳимми илми рӯзноманигориро таъкид мекунад.

**Ҷаласа қарор кард:**

1. Диссертатсияи Раҳимҷон Хушдил «Ташаккули меъёрҳои этикиву ҳуқуқӣ дар журналистикаи тоҷик (замони Истиқлол)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.22. Рӯзноманигорӣ кори анҷомёфтаи илмӣ ва муҳимму зарурӣ ҳисобида шавад.

2. Диссертатсияи Раҳимҷон Хушдил дар мавзуи «Ташаккули меъёрҳои этикиву ҳуқуқӣ дар журналистикаи тоҷик (замони Истиқлол)» барои дарёфти

дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.22. Рӯзноманигорӣ барои ҳимоя дар шурои диссертатсионии ба ихтисоси илмӣ алоқаманд дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тавсия дода шавад.

Хулоса дар ҷаласаи васеи кафедраи телевизион ва радиошунавонии факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул гардид.

Иштирок доштанд: 10 нафар, аз ҷумла 4 доктори илм аз рӯйи ихтисос. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 10 нафар, «зид» – нест, «бетараф» – нест, қарори № 03 аз 17.10.2025.

**РАИСИ ҶАЛАСА:**

доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи журналистикаи байналхалқии факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон — Муқимов М.А.

**МУДИРИ КАФЕДРА:**

номзади илмҳои филологӣ, дотсент — Гулов С.Н.

**КОТИБИ ИЛМӢ:**

Номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи телевизион ва радиошунавонӣ — Раҳмонова Ҷ. М.

*«Имзоҳои Муқимов М.А., Гулов С.Н. ва Раҳмонова Ҷ.М.-ро тасдиқ мекунам»:*

**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** — Шодихонзода Э.Ш.

20.10. 2025

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Телефон: (+992-37) 221-62-25; факс: 227-15-10.
E-mail: info@tnu.tj